# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи Фарзонаи Сайфиддин дар мавзуи “Аҳамияти педагогии афкори мутафаккирони асрҳои XII - XIII дар тарбияи насли наврас дар шароити муосири таҳсилот” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010301-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

1. Мавзуъ, мухтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисоси 6D010301-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ва соҳаи илми педагогика, ки аз рӯйи он ба шуро кабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст, мутобикат мекунад.

2. Муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси пешниҳодшуда - 6D010301-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз он ҷумла: ба банди 1 – «Методологияи таҳқиқоти педагогӣ» (ҷанбаҳои таҳқиқот дар рушд ва таҳкими илми педагогика, боҳамалоқамандӣ ва татбиқи назариявии онҳо, усулҳои таҳқиқотии педагогӣ), ба банди 2 – «Консепсияи тарбия» (сатҳу сифати тарбия ва технологияҳои амалисозии он, равандҳои навоварона дар тарбияи насли наврас), ба банди 3 - «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои/шароитҳои/рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот;) ва ба банди 4 - «Назария ва консепсияи таълим» (қонуниятҳо, принсипҳои таълими бачагон дар давраҳои гуногуни бавоярасии онҳо; навъҳо ва амсилаҳои таълим, ҳудудҳои истифодаи онҳо;) мувофиқ буда, ба самти афзалиятноки илм педагогика дар ҷумҳурӣ – ҳамгиройии арзишҳои миллӣ ва афкори педагогии мутаффаккирони тоҷику форс ба мазмуни таҳсилот - мутобиқат дорад.

3. Муҳтавои кори диссертатсионӣ дар 13 номгӯй мақолаҳои илмии нашршудаи довталаб, ки 8 номгӯйи онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, мукаммал инъикос ёфтаанд.

4. Нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия мутобиқ ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295) иҷро шудааст.

5. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ бо беихтилофии мавқеъҳои назариявие, ки ташаккули онҳо ба таҳлили ғояҳои педагогии муҳаққиқони гуногун асос ёфтааст, мувофиқати методҳои таҳқиқот бо ҳадафҳои матраҳгардида, бисёрҷанбагӣ ва бардавомии таҳқиқоти роҳандозишуда аз тариқи назариявӣ ва амалӣ, тасвиби натиҷаҳои

бадастомада дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимии пойгоҳи озмоишии таҳқиқот таъмин карда шудаанд.

6. Диссертатсияи Фарзонаи Сайфиддин дар мавзуи “Аҳамияти педагогии афкори мутафаккирони асрҳои XII-XIII дар тарбияи насли наврас дар шароити муосири таҳсилот” ба шурои диссертатсионӣ қабул карда шавад.

7. Ба сифати муқарризони расмӣ Абдураҳимзода Қудратулло Саид – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Аюбова Манижа Зокирҷоновна – номзади илмҳои педагогӣ, саромӯзгори кафедраи умумидонишгоҳии забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров ва ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ пешниҳод карда шаванд.

8. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

9. Барои нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи диссертатсияи Фарзонаи Сайфиддинро дар мавзуи “Аҳамияти педагогии афкори мутафаккирони асрҳои XII - XIII дар тарбияи насли наврас дар шароити муосири таҳсилот” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010301-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Фарзонаи Сайфиддинро дар мавзуи Аҳамияти педагогии афкори мутафаккирони асрҳои XII - XIII дар тарбияи насли наврас дар шароити муосири таҳсилот” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010301-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи эксперта муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- Абдураҳимзода Қудратулло Саид – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;

- Аюбова Манижа Зокирҷоновна – номзади илмҳои педагогӣ, саромӯзгори кафедраи умумидонишгоҳии забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссератсия дар сомонаҳои Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол кардани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои педагогӣ Давлатшоев И.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои педагогӣ Гулмадов Ф.

доктори илмҳои педагогӣ Каримзода М.Б.

“23” майи соли 2025.

*“Имзои Ф. Гулмадов, И. Давлатшоев ва М. Каримзодаро тасдиқ мекунам”*

*Нозири кадр ва коргузории АТТ М. Саидова*